Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз лиҳози накша, маводи илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи таҳкикот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фазои иттилотии ҷаҳони ворид гашта, бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳифзи фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро ба анҷом расонида истодааст. Ҳамин буд, ки бо мақсади муайян кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии иттилоотӣ, ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоот, ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши иттилоот, таъмини ташаккул ва инкишофи фазои ягонаи иттилоотӣ-фарҳангӣ ҳамчун шарти зарурии ягонагии сиёсӣ ва маънавии аҳолии

ҷумҳурӣ, муҳайё сохтани заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва техникию технологии воридшавии мамлакат ба ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 07.11.2003) тасдиқ ва мавриди амал қарор гирифт. Дар робита ба ин бояд қайд намуд, ки бо пайдоиши технологияҳои нав, такомули провайдерҳо (таъминкунандагон)-и интернетӣ инсоният ҳар чӣ бештар саргарми муҳити виртуалӣгардидааст, ки ин маънои зеринро дорад: чи қадаре ки имкониятҳои нав зиёд шаванд, ҳамон қадар эҳтимол аст, ки ҳар яки мо бо мушкилоти нав, бахусус киберҷиноятҳо рӯ ба рӯ шавем.

Тавре муаллифи рисола зикр менамояд, сол то сол ҷомеаи ҷаҳонӣ пурзӯр гаштани тамоюлҳои ҷаҳонишавиро бо мушкилоте, ки аз он бармеоянд, торафт равшантар мушоҳида мекунад. Дар шароити ҳозира масъалаи муқовимати субъектони низоми ҷаҳонии тартиботи ҳуқуқӣ ба падидаҳои манфие, ки дар натиҷаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба вуқуъ омадаанд, торафт воқеӣ мегардад. Яке аз ин зуҳурот афзоиши мунтазам ва устувори таҳдидҳои киберӣ ба ҳисоб меравад. Он фаъолиятеро дар назар дорад, ки ба вайрон кардани амнияти низоми иттилоотӣ бо роҳи тағйир додани дастрасӣ ба он, ягонагӣ ва ё махфӣ будани низом, ё иттилооти дар он мавҷудбуда равона карда шудааст. Субъектони таҳдидҳои киберӣ аз нигоҳи имконот ва мураккабӣ нобаробар ҳисобида мешаванд ва онҳо барои фаъолияти худ захираҳои зиёд, омодагии хуб ва дастгирӣ доранд. Ба ақидаи муҳаққиқ, субъектони таҳдидҳои киберӣ метавонанд мустақилона ва ё дар ҳайати ташкилоти боз ҳам калонтар (масалан, гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ) амал кунанд.

Лозим ба ёдоварист, ки имрӯз дар саросари ҷаҳон давлате вуҷуд надорад, ки дар он ҳамлаҳои киберӣ амалӣ нагардида бошанд ва аз ин гуна таҳдидҳо он ба таври кофӣ ҳифз шуда бошад. Ҳамлаҳои муосири киберҷинояткорон ба фалаҷ гардидани фаъолияти муътадили бахши хусусӣ ва ҳам сохторҳои гуногуни давлатӣ оварда мерасонанд. Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки дар шароити кунунии асри XXI як қатор хусусиятҳои нави киберҷиноятҳо ба назар мерасанд,

ки яке аз онҳо ба сифати сарчашмаҳои эҳтимолии ҳамлаҳои киберӣ метавонанд ҷинояткорони гурӯҳҳои муташаккил ва созмонҳо баромад кунанд.

Дар рисола зикр карда шудааст, ки ҳар як сония дар саросари ҷаҳон тақрибан 12 миллион нафар ба ҳамлаҳои киберӣ дучор мегарданд, дар ҳоле ки ҳамасола дар тамоми кураи замин беш аз 560 миллион ҷиноятҳои хусусияти киберӣ, бо ҳисороти умумии тақрибан 100 миллиард доллари ИМА ба вукуъ меоянд (саҳ. 138-147 диссертатсия).

Мисли дигар бошандагони ҷомеаи ҷаҳонӣ ба аҳолии кишвари мо низ дар ҳаёти ҳаррӯза эҳтиёҷоти истифода аз компютерҳо, планшетҳо ва смартфонҳо, таҷҳизотҳои гуногуни электронии маишӣ ва дигар асбобҳои баркӣ, ки ба интернет ё шабакаҳои гуногуни телекоммуникатсионӣ пайвастанд, пайдо мешавад. Дастгоҳ ва замимаҳое, ки ба интернет пайвастанд, ба шаҳрвандони алоҳида ва умуман ба кишвар нафъи калон меоранд. Аммо ба андешаи муаллифи рисола, «Бо вуҷуди бештар дастрас гардидани дороиҳои табиӣ, иттилоотӣ ва ё ҷузъи рақамӣ дар интернет, субъектони таҳдидҳои киберӣ барои анҷом додани фаъолиятҳои зараровар, дастрасӣ ба маълумотҳои шахсӣ, вайрон кардани амалиётҳои гуногуни молиявӣ ва ҳатто таъсири ҷисмонӣ, имкониятҳои бештар пайдо мекунанд».

Консепсияи амнияти иттилоотии кишвари мо васеъшавии миқёси киберҷиноятҳоро, пеш аз ҳама, дар соҳаи муносибатҳои қарзӣ-молиявӣ ва амалҳои ғайриқонунӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро поймол мекунанд, тасдиқ менамояд.

Дар рисола ба маврид зикр карда шудааст, ки сабабҳои ба вуҷуд омадани киберҷиноятҳо гуногунанд: хоҳиши ба даст овардани фоида, манфиатҳои моддӣ, қудратӣ, кӯшиши расонидани зарар ва ғайра. Киберҷинояткорон чун қоида нисбат ба ҷинояткорони муқаррарӣ найрангтар ҳисобида мешаванд. Онҳо фаъолияти худро ҳаматарафа ба нақша гирифта, онро бо имкониятҳои махсуси техникӣ мукаммал мегардонанд ва бо ин сабаб, дар натиҷаи чунин амалҳо манфиатҳои шумораи зиёди шахсони дигар халалдор мешаванд (саҳ. 353-362 диссертатсия). Илова бар ин, баъзан вакт субъектҳои ботаҷрибаи таҳдидҳои

киберӣ метавонанд аз воситаҳо ва усулҳои таъсиррасони ҷиноятии содаю дастрас истифода баранд, зеро онҳо то ҳол метавонанд барои иҷрои вазифаҳои мушаххас самаранок бошанд ва ё амалӣ намудани фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро мушкил гардонанд. Ғайр аз ин, ба ақидаи коршиносони ватанӣ, сабабҳои асосии зуҳуроти афзояндаи киберҷиняотҳо бештар бо тамоюлҳои технологӣ асоснок шудаанд. Ҳамин тавр, ба андешаи коршиносон, соли 2022 беш аз 1 триллион дастгоҳ ба интернет пайваст гардидааст. То охири соли 2024 дар зиёда аз 80% корбарон дарки худии графикии корбар пайдо хоҳад шуд. Аз ин рӯ, бидуни дарки механизмҳои калидии содир намудани чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ, омӯзиши намудҳои ҷиноят, хусусиятҳои шахсияти ҷинояткорон, омилҳои асосии муайянкунанда, дар маҷмуъ, ҳама мушкилоти мубориза бо киберҷинояткорӣ, фаъолона мубориза бурдан ғайриимкон мегардад.

Ақидаҳои болозикр аз мубрамӣ ва аҳаммияти илмӣ-амалии рисола шаҳодат медиҳанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ нахустин маротиба пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои назария ва амалияи муқовимат бо киберҷиноятҳо таҷдиди назар шудааст. Натиҷаҳои илмии дар кор бадастомада фаҳмиши назариявиро дар соҳаи мазкур васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави алоқаманд ба проблемаҳои муқовимат бо киберҷиноятҳо ҳал карда шаванд.

Чунин меҳисобем, ки татбиқи назариявӣ ва амалии донишҳои пайдошуда ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ иртиботдошта таъсири мусбат мерасонанд.

Навгонии илмии рисолаи Давлатзода Компон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда

зоҳир мегардад:

1. Муаллиф дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда бори аввал мафҳуми киберҷиноятҳоро бо дарназардошти илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалогия пешниҳод кардааст: «Киберҷиноятҳо – маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва ТИК дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд» (саҳ. 17-18 диссертатсия).

Дар воқеъ, «киберҷиноятҳо» тавре муаллиф зикр менамояд маҷмуи ҷиноятҳое, ки дар фазои маҷозӣ, тавассути шабакаи интернет, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои маҷозӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шудаанд, ифода мегардад. Аз рӯйи нуқтаи назари муаллиф киберҷиноятҳо ин ҷиноятҳоеянд, ки тавассути истифодаи компютер ва ҳам бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ҷаҳонии интернет содир мешванд. Ин таъриф ба тавсияҳои коршиносони СММ мувофиқ аст. Ба ақидаи онҳо, мафҳуми «киберҷиноятҳо» ҳама гуна ҷиноятҳоеро дар бар мегирад, ки метавонад тавассути як система ё шабакаи компютерӣ, дар дохили система ё шабакаи компютерӣ ва ё зидди система ё шабакаи компютерӣ содир шавад, яъне ҳама гуна ҷиноятe, ки дар муҳити электронӣ содир мешавад, метавонад ҳамчун киберҷиноят тасниф карда шавад. Онҳо ин андешаҳои худро бо он асоснок менамоянд, ки бо назардошти он ки дар айни замон миқдори зиёди маълумот: аксҳо, видеоҳо, тамосҳои хешовандон ва дӯстон, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, баъзе замимаҳо бо маълумоти муҳим, рамзҳо, мукотибаи шахсӣ ва ғайра дар васоити электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки ҳар як соҳиби маълумот махфияти маълумоти худро зери хатар мегузорад.

Албатта, мафҳуми овардашуда бисёр васеъ буда, баҳсовар мебошад, чунки бархе аз ҷиноятҳое дар амалия вуҷуд доранд, ки ба воситаи компютерҳо содир

шуда, ба гурӯҳи киберҷиноятҳо шомил карда намешаванд. Масалан, баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба воситаи компютерҳо анҷом дода мешаванд ва дар сурати азонихудкунии маблағҳо ва ё ба воситаи компютер нодуруст пешниҳод кардани декларатсия оид ба даромадҳо, ки ба саркашӣ намудан аз пардохти андоз оварда мерасонад.

2. Дар нуктаи илмии панҷуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда дуруст зикр карда шудааст, ки «Бо мақсади огоҳонидан ва пешгирии киберҷиноятҳо дар ҶТ Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқии Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, инчунин компютеркунонии босуръати тамоми бахшҳои ҳаётан муҳими давлатӣ бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар мамлакат, дастрасиро ба сомонаҳо ва захираҳои дигари иттилоотӣ, аз ҷумла сомона ва барномаҳои интернетӣ, ки ба паҳн намудани ҳама гуна иттилоот бар зидди асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, иттилоот дар бораи маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, барангехтани кинаю адовати динию мазҳабӣ ё низои миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, тарзи омодасозӣ ва тарғиби маводи нашъаовар, тарканда ва маводи дигари заҳролудкунанда, ба содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ равонагардида, хусусияти экстремистию террористидошта, порнография, аз ҷумла порнографияи кӯдакона, инчунин паҳн намудани ҳама гуна маълумот, ки бо санади судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст, маҳдуд намоянд» (саҳ. 19 диссертатсия).

Дуруст аст, ки дар раванди босуръати компютеркунонии мамлакат интернет низ ба тамоми соҳаҳои хоҷагӣ ворид гардид, ки тибқи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаш моҳи аввали соли 2023 шумораи истифодабарандагони интернет дар якҷоягӣ бо истифодабарандагони интернети мобилӣ ба 4,5 миллион нафар расид, ки ин 42% аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳад , вале мутаассифона, гурӯҳҳои ҷиноятkор онро бо мақсадҳои ғаразнок ва ғайриқонунии худ истафода мебаранд.

Аз ин рӯ, ин ширкатҳо бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ

метавонанд аз дастгирии иттилоотии (нигоҳдории) мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд ва мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, дар навбати худ, аз технологияи ин ширкатҳо зимни мубориза бар зидди чунин ҷиноятҳо, ки дар ҷараёни ҳамкорӣ дастрасии зарурӣро ба захираҳои ин ширкатҳо тақозо менамояд, бо мақсадҳои оперативӣ, тафтишӣ ва расмӣ истифода бурда метавонанд.

3. Дар нуктаи нуҳуми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетиро ба гурӯҳҳо тақсим карда, асосонок намудааст:

- объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизоти ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS)-ро, муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда дар соҳаи бехатарии таҳия, истифода ва паҳнкунии иттилооти компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва ТИК, ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат оид ба истифодаи системаи автоматикии коркарди маълумот ташкил медиҳад.

- объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизоти ёрирасони онҳо вобаста ба хусусияти худ ҳамчун намуди киберҷиноятҳо фарогири ду объект мебошад:

а) объекти асосии ин ҷиноятҳо бевосита муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибони иттилооти компютерӣ ва танзимгарони системаҳои иттилоотиро дар соҳаи таҳия, коркард, соҳибӣ ва паҳн кардан, пешниҳод кардан, истифодаи иттилооти компютерӣ, фаъолияти бехатари компютерҳо, системаҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ, системаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ таъмин менамоянд;

б) объекти иловагии ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим шуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд (саҳ. 21-22 диссертатсия).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқот дар ҳақиқӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани таҳқиқот, усул ва вазифаҳои он, инъикоси воқеии масъалаҳои ҳуқуқӣ-чиноятӣ ва криминалогии муқовимт бо киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҶТ, таҳлили захираҳои илмию амалии соҳавӣ, амалисозии натичаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, ифода мегардад. Довталаб ба масъалаҳои мураккаби ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминалогии муқовимт бо киберҷиноятҳо мустақилона ибрози назар намуда, консепсияи худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳатҳои назариявии ин консепсия дар он аст, ки довталаб аз соли 2018 ба таҳқиқи мавзуи зикршуда машғул буда, асарҳои зиёди муаллифони ватанӣ ва хориҷиро мутолиа намуда, ҷиҳатҳои норавшани масъалаҳои ҷойдоштаро, вобаста ба мушкилоти қонунгузорӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои миллӣ таҷдиди назар намудааст. Пешниҳодҳои ӯ сатҳи баланди инноватсионӣ ва донишафзунӣ дошта, дар такмили танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон татбиқшаванда мебошанд. Ҷиҳатҳои амалии консепсияи довталаб дар он аст, ки ӯро ҷомеаи ҳуқуқшиносон ва дигар муҳаққиқон ҳамчун устоди ДМТ ва муаллифи теъдоди зиёди асарҳои илмӣ оид ба масъалаҳои зикршуда мешиносанд. Вай таърихи масъалаҳои таҳқиқшударо медонад, онро пурра омӯхтааст, дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалии сатҳи гуногун, ҳангоми гузаронидани лексия ва машғулиятҳои амалӣ, таҳияи хулосаҳои гуногун ва дигар корҳои амалӣ натиҷаҳои ҳосилшударо дастраси хонанда гардонидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллиф буда, асосноккунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

Дар рисола дуруст қайд шудааст, ки дар шароити ҳозира таҳаввулоти киберҷиноятҳоро метавон аз рӯйи се намуди ҷиноятҳо гурӯҳбандӣ кард:

1. Ҷиноятҳои марбут ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ: вайрон кардани низомҳои коркарди автоматии иттилоот, коркарди ғайриқонунии маълумоти шахсӣ (масалан, интиқоли ғайриқонунии

маълумоти шахсӣ), вайронкунии фаъолияти кортҳои бонкӣ, шифрҳои беиҷозат ё ба қайд нагирифташуда ва боздоштҳо.

2. Ҷиноятҳои марбут ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ: паҳн кардани порнографияи кӯдакона, инчунин барангехтани терроризм ва адовати нажодӣ дар интернет, поймол кардани манфиатҳои шахсони воқеӣ, поймол кардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул;

3. Қаллобӣ дар интернет, интиқоли ғайриқонунии воситаҳои пулӣ ва ғайра (саҳ. 71-86 диссертатсия).

Ҷанбаи дигари мусбати рисолаи пешниҳодшуда дар хулосабарории муаллиф инъикос меёбад. Махсусан, муаллифи рисола бо дарназардошти амалияи судӣ-тафтишӣ мақсаду омилҳои сар задани киберҷиноятҳоро нишон медиҳад: “Дар солҳои 2020-ум, чун ҳарвақта, киберҷинояткорон аз барномаҳои компютерии маъмули зараррасон истифода мебаранд (масалан, Locky, TeslaCrypt, Cryptolocker ва ғайра). Ҳадафи онҳо рамзгузории нишондодҳо ва сипас аз соҳиби он ба ивази калид, ки онро рамзкушоӣ мекунад, талаби маблағ фиристодан мебошад. Киберҷинояткор замимаҳо ё истинодҳоро тавассути почтаи электронӣ паҳн мекунад. Матни паём мазмуни хуби навишташударо дарбар мегирад, ки дар он зуд пардохт кардани ҳисоб пешниҳод карда мешавад. Бо як пахш нармафзор ба компютер ворид шуда, рамзгузории маълумоти шахсиро оғоз мекунад: ҳуҷҷатҳои офисӣ, аксҳо, мусиқӣ, видеоҳо ва ғайра. Вақте ки файлҳо дастнорас мегарданд, паёме пайдо мешавад, ки пардохти иловагиро талаб мекунад, ки бо биткоин ё тавассути корти пешпардохт бар ивази калиди рамзкушоӣ пардохта мешавад. Аз ин рӯ, аз замимаҳое, ки дар почтаи электронӣ мавҷуданд, эҳтиёт шудан лозим аст, онҳо метавонанд бо вирус олуда бошанд. Инчунин, ҳеҷ гоҳ набояд ба дархостҳои шахсони номаълум ва ташкилотҳо ҷавоб дод (саҳ. 252-272 диссертатсия).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мавқеи довталаби дараҷаи илмӣ ба ҳалли масъалаҳои ошкоргардидаи таъсиси асосҳои

консептуалии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар ҶТ буда, ба натиҷаҳои таҳқиқоти маҷмуи масъалаҳои хусусияти илмӣ ва амалидошта мансубият дорад. Аз ҷониби муаллиф хулоса, муқаррарот ва тавсияҳои нав таҳия гардидааст, ки ҳастии воқеӣ доранд ва онҳо метавонанд ба инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи муқовимат бо киберҷиноятҳо мусоидат намоянд.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва дурнамое, ки ҳангоми таҳқиқи диссертатсия анҷом дода шудаанд, барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, махсусан, ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти калон дошта, ба такмили қонунгузории соҳавӣ вобаста ба киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад. Истифодаи пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ метавонад ба ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, як қатор пешниҳоду таклифҳои илмии диссертатсияи мазкурро метавон дар таълими фанҳои соҳавии ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дод.

Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илм, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ созгор мебошад. Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Нуктаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин, хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак дода, тавсияҳои онҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо мусоидат мекунад. Дар баробари ин саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мақолаҳои илмӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи илмиаш муаллифи 31 асари илмӣ ва таълимӣ буда, ба теъдоди асарҳои калонҳаҷм 2 монография, 1 воситаи таълимиро ворид намудан мумкин аст. Вай муаллифи 20 мақолаи илмии дар

маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва дигар мақолаҳо буда, ҳаҷми умумии асарҳои ӯ зиёда аз 85 ҷузъи чопӣ мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқикот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии К.Д. Давлатзода истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои муқовимат бо киберҷиноятҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пажӯҳишҳои соҳавӣ, ки ба падидаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои оморӣ истифода шудаанд.

Дар маҷмуъ, истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзуи таҳқикот ва ба даст овардани дигар натиҷаи устувори илмӣ мусоидат намудааст. Диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофикат дорад. Дар автреферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасари бобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Мазмуни автореферат ва интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои пешниҳодшудаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усуслҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ҷанбаҳои мусбати рисолаи илмиро ташкил медиҳанд.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.**

1. Дар зербоби дуюми боби якум муаллифи рисола қайд менамояд, ки бо вуҷуди шумораи зиёди ҷиноятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «киберҷиноятҳо» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат барои баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан барои ин кирдор, муайян намудани сабабу шароитҳои содиршавии ҷинояти мазкур, пешбинӣ намудани унсурҳои таркибии он ва мушаххасу пурра намудани қонунгузории ҷиноятӣ имконият фароҳам намеорад. Ҳолати мазкур на танҳо барои таҳияи чораҳои ҳуқуқӣ оид ба муқовимат ба ин навъи ҷиноят дар сатҳи миллӣ, балки барои ҷамъоварии маълумоти муқоисашавандаи оморӣ, рушди системаи ягонаи баҳисобгирӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ хеле муҳим аст. Муҳақиқ дар асоси таҳқиқи адабиётҳои соҳавӣ мафҳуми киберҷиноятҳоро чунин тавзеҳ намудааст: «киберҷиноятҳо» – маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва ТИК дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд.

Ақидаи иброзшуда баҳснок мебошад, зеро рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ пайдоиши доимии киберҷиноятҳоро асоснок намуда, зарурати таваҷҷуҳи махсусро ба ин самт аз ҷониби давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷомеаи илмӣ тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз мафҳуми пешниҳоднамудаи муаллиф  нисбатан маҳдуд аст. Мувофиқи мақсад буд, ки мафҳуми киберҷиноятҳо аз ҷиҳати мазмун, моҳият, воситаи содиршавӣ барои ҷамъият хавфнок, гунаҳгорона ва зидди ҳуқуқ будан баррасӣ мегардид.

2. Муаллиф дар зербоби сеюми боби якуми рисола таснифи киберҷиноятҳоро аз рӯйи асосҳои гуногун ба риштаи таҳлил кашидааст, аммо таснифи кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок вобаста ба тарзи содир намудани ҷиноят баррасӣ нагардидааст, зеро он аломати ҳатмии мустаҳкамнамоии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ буда, барои бандубасти ҷиноят, таъини ҷазо таъсир мерасонад.

3. Дар айни замон таҳлили ҳамаҷонибаи криминологӣ барои пурра тасвир намудани миқёси ҷаҳонии киберҷиноятҳо мавҷуд набуда, сабаби инро наметавон танҳо дар набудани ягонагӣ дар қонунгузории миллии ҷиноятии кишварҳо дар самти муқовимат бо киберҷинояткорӣ ва амалияи гуногуни татбиқи он, тафовут дар ташаккули омори ҷиноятӣ ва хусусиятҳои низоми ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ намуд. Таҳқиқи криминологии ҷиноят аз таҳлили маълумоти оморӣ оид ба зуҳуроти он дар давоми солҳо шакл мегирад. Дар ин раванд мо метавонем танҳо дараҷаи инкишофи ин навъи ҷиноятро таҳлил карда, маълумоти аз таҳқиқоти гуногун дастрасшударо муқоиса намоем ва инчунин сабабҳои ба афзоиши он таъсиркунандаро муайян кунем.

Дар асоси гуфтаҳои боло бояд зикр кард, ки дар рисолаи илмии К.Д. Давлатзода омори киберҷиноятҳо танҳо барои солҳои 2008-2022 оварда шудааст (саҳ.8;10;339-342), ки ин омор барои таҳқиқоти рисолаи докторӣ аз нигоҳи мо нокифоя мебошад. Илова бар ин омори солҳои 2023 ва нимсолаи аввали 2024 дар рисола мавриди омӯзиш қарор гирифта нашудааст.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва

танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии акидаҳои олимони гуногун нуктаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз:**

Бо назардошти андешаҳои зикршуда чунин мешуморам, ки диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» кори мустақим ва илман анҷомёфта ба ҳисоб рафта, навгонии илмиро пурра дарбар мегирад. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**профессори кафедраи муносибатҳои**
**байналмилалӣ ва ҳуқуқи**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода**
**д.и.ҳ.** **Азимзода Н.Б.**

**Имзои Н.Б. Азимзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсус** **Юсупова Б. Ғ.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

«16» 05 2024 с.

734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиева 17/6
Телефон: 2-32-87-30
https://www.ddzt.tj
E-mail: nazir.azimov.79@mail.ru